ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Алиева Мунзифахон Насимовна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият» барои дарёфти дараҷаи илмии (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ)

Мавзӯи таҳқиқотии Алиева Мунзифахон Насимовна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият» ба масъалаи муҳим ва мубрам бахшида шуда, дар муқаддима оид ба аҳамияти мавзӯъ бо далелҳо асоснок намуда, объект, предмет ва ҳадафи таҳқиқотро муайян намуда, аҳамияти ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият баён намуда, нуқтаҳои назари хешро бо афкори олимони классикӣ ва муосири илми педагогика асоснок кардааст.

Боиси зикр аст, ки аз тарафи Алиева М.Н. аз сарчашмаҳои илмиву луғатӣ фаровон истифода бурда, аҳамияти назариявию амалии мавзӯи диссертатсияро дар асоси хулосаҳои дақиқ дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият баён намуда, навгониҳои таҳқиқотро, ки арзиши баланди илмиро соҳиб аст, пешниҳод кардааст.

Дар муқаддимаи рисола тамоми меъёрҳои таълифи муқаддимаи корҳои илмӣ ба рисолаҳои докторӣ (PhD) ҷавобгӯ буда, муаллиф Алиева М.Н. бо зикри мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот собит кардааст, ки ҳангоми таҳқиқ ба адабиёти истифодашуда ва сарчашмаҳои муҳим сару

кор гирифта, истифодаи методҳои анъанавӣ ва муосири илмиро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Чӣ хеле, ки бармеояд, рисола аз 2 боб ва 6 зербоб иборат буда, боби якум, ки «Муносибати босалоҳият ба таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир» номгузорӣ шудааст, мафҳумҳои «салоҳият», «муносибати босалоҳият» «технологияи педагогӣ», «арзёбӣ» аниқ карда мешавад, фарқияти мафҳуми салоҳият аз босалоҳиятӣ ва вижагиҳои муносибати босалоҳиятро аниқ карда, масъалаҳои зарурати тағйири муносибат ба таълиму ҷанбаҳои асосии татбиқи муносибати босалоҳият, намудҳои салоҳияти умумифаннӣ, марҳилаҳои шаклгирии салоҳият, технологияи таълими фаъол, мақсад, принсип, хусусият ва навъҳои арзёбӣ ва мавқеи он дар муносибати босалоҳият баён гардидааст.

Боби дуюм, ки «Роҳҳои ташаккули қобилияти эҷодӣ дар машғулиятҳои санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ» ном гирифтааст, он фарогири масъалаҳои эҷодиёт, қобилияти эҷодӣ, тасаввурот, тахайюлот ва иқтидори эҷодӣ буда, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳи ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳқиқ кушода дода, мӯҳтавою методикаи кори таҷрибавию озмоишӣ тавсиф ва натиҷаҳои он оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, аз мулоҳизоти илмии муаллиф Алиева Мунзифахон Насимовна метавон ба хулосае омад, ки татбиқи муваффақи методҳои муосир ва бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълим аз тарафи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти муносибати босалоҳият нақш ва аҳамияти муассир дошта, автореферати диссертатсияи ба стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Алиева Мунзифахон Насимовна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият» таҳқиқоти ба

анҷом расонида ба ҳисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) сазовор дониста мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забони давлатӣ
ва ҷомеашиносии ДПДТТ ба номи
М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Темирова Хайринисо Исломовна

Имзои н.и.п., дотсент Х.И.Темироваро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДПДТТ дар шаҳри Хуҷанд Якубова М.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

Суроғa: 735690 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 226
Тел. +99292 (3422) 6-04-54